# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-023-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович дар мавзуи “Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ))**

Диссертатсияи илмии Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович ба яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ - методии хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии дар дарсҳои забони англисӣ бахшида шудааст. Мубрамияти таълими мавзуи мазкур, пеш аз ҳама, дар он ифода меёбад, ки хониши мустақилона хонандагон, ки принсипи фардикунонии таълимро таъмин месозад дар пояи методологияи илмӣ ва таҷрибаи пешқадами аз ҷиҳати илмӣ асоснок дониста мешавад, дар ин раванд зарур аст, амалӣ гардад.

Маҳз ҳамин ҷиҳати масъала дар диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович дар баробари пешниҳоди илмӣ - методии хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ аз оғоз то интиҳои рисола чун хатти сурх дар мадди назари рисоланавис қарор гирифтааст.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31 - 33 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, дар дарсҳои забони англисӣ барои муваффақ шудан ба ин сифатҳо хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, метавон, пеш аз ҳама, натиҷаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои пешниҳодшударо метавон дар амалияи корҳои таълимию тарбиявии ҳамаи муассисаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои болоӣ метавон истифода бурд.

Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсионии Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович дар мавзуи “Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)” ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия

(13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)), ҳамчунин, ба Феҳристи КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 мутобиқат мекунад.

Диссертант дар рисолаи хеш коркарди методии мавзуъҳои дар доираи ташаккули хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ, зимни такя намудан ба маводи назариявӣ - методӣ, ба натиҷаҳои озмоишҳои педагогии дар раванди омӯзиши забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва, албатта, дар заминаи ақидаҳои шахсиаш пешниҳод намудааст, ки аз ҷумлаи дастовардҳои муҳим ва дигари ӯ маҳсуб меёбад.

Аз ин нуктаи назар, мавзуи рисолаи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович мубраму муҳим буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ низ шоистаи дастгирист.

Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки 30 июни соли 2021 таҳти №267 ба тасвиб расидааст, таълиф шудааст. Ва ин кори диссертатсионӣ дар кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи муассисаи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 28 октябри соли 2024, №3/1).

Дар хулосаи ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматарафа дода шудааст.

Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, дар маҷаллаҳои эътирофнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 мақола нашр шудааст.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ё худ эътирофшуда ба талаботи банди 34 - Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудааст, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф фикрҳои ҷолиб пешниҳод шудааст. Инчунин, дорои ягонагии

дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика ва методикаи таълим шаҳодат медиҳад.

Аҳамияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович дар мавзуи "Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович дар мавзуи "Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович дар мавзуи "Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) ба ҳимоя кабул карда шавад.

**2.** Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиашон ба ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.04 - Назария ва методикаи таълими фанхои гуманитарӣ (тахсилоти миёнаи умумӣ)) мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- **Абдуллоева Меҳриниссо Абдуғаффоровна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, декани факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

- **Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ (Ҳасанов Фарҳод Зикируллоевич) -** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, декани факултети филология ва рӯзноманигорӣ Донишгоҳи давлатии Данғара.

3. Ба сифатӣ **муассисаи пешбар**

- **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ** тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
профессор **Ҳомидов Дилмурод Раҷабович**

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмхои педагогӣ,
дотсент **Абдуллоева Тутинисо Менгулоевна**

номзади илмхои филологӣ,
дотсент **Каримов Назрулло Салимович**

*Имзоҳои Ҳомидов Д.Р., Абдуллоева Т.М. ва Каримов Н.С. – ро тасдиқ мекунам*

**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои маҳсуси ДМТ** **Тавкиев Э.Ш.**

**“__29__” __05__соли 2025**